# ПРЕСС-РЕЛИЗ
# Оид ба фаъолияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020



**ДУШАНБЕ – 2020**

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 6 моҳи соли 2020 тибқи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар ҷумҳурӣ ба 13 млрд 136,9 млн сомонӣ расонид, ки суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 109,2%-ро ташкил дод ва ин аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соли гузашта 1 млрд 279,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

## Ҳиссаи соҳаҳо дар таркиби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи якуми соли 2020:




## Истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат ва энергетика дар нимсолаи якуми соли 2020

| Соҳаҳо | Истеҳсоли маҳсулот (млн сомонӣ) | | Суръати афзоиш (бо %) | Фарқият (+;-) | Ҳиссаи соҳаҳо бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2019 | | | |
| Ҷумҳурӣ | 13136,9 | 11857,3 | 109,2 | 1279,6 | 100 |
| Маъдан | 3445,6 | 3055,8 | 112,8 | 389,8 | 26,2 |
| Энергетика | 3853,5 | 3370,9 | 114,3 | 482,6 | 29,3 |
| Хӯрокворӣ | 2734,8 | 2384,5 | 114,7 | 350,3 | 20,8 |
| Сохтмон | 1211,6 | 1209,9 | 100,1 | 1675,9 | 9,2 |
| Мошинсозӣ | 852,4 | 840,5 | 101,4 | 11,9 | 6,5 |
| Аз ҷумла, ҶСК “ШАТ” | 227,5 | 218,6 | 104,1 | 8,9 | 1,7 |
| Пахта | 212,3 | 191,2 | 111,0 | 21,1 | 1,6 |
| Сабук | 569,1 | 557,5 | 102,1 | 11,6 | 4,3 |
| Ангишт | 131,5 | 111,3 | 118,1 | 20,2 | 1,0 |
| Табъу нашр | 77,3 | 69,4 | 111,4 | 7,9 | 0,6 |
| Нафт ва газ | 48,9 | 66,3 | 73,7 | -17,4 | 0,4 |

## Таносуби минтақаҳо дар таркиби саноати ҷумҳурӣ дар нимсолаи якуми соли 2020

| Минтақаҳо | Истеҳсоли маҳсулот (млн сомонӣ) | | Суръати афзоиш (бо %) | Фарқият (+;-) | Ҳиссаи соҳаҳо бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 6 моҳи 2020 | 6 моҳи 2019 | | | |
| **Дар ҷумҳурӣ** | **13 136,9** | **11 857,3** | **109,2** | **1 279,7** | **100,0** |
| ВМКБ | 70,3 | 77,9 | 88,9 | -7,6 | 0,5 |
| Вилояти Суғд | 6 576,8 | 5 662,4 | 114,4 | 914,4 | 50,1 |
| Вилояти Хатлон | 3 800,1 | 3 613,9 | 103,6 | 186,2 | 28,9 |
| Шаҳри Душанбе | 1 192,0 | 1 222,2 | 96,1 | -30,2 | 9,1 |
| НТҶ | 1 345,5 | 1 147,3 | 115,5 | 198,2 | 10,2 |
| Бозҳисоби мутаммарказ | 152,3 | 133,6 | 114,0 | 18,7 | 1,2 |

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ 56,5% ба саноати коркард, 29,3% ба таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 14,2% ба саноати истихроҷ ва 0,6% ба соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа рост меояд.

## Ҳаҷми содироти маҳсулот дар нимсолаи якуми соли 2020

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷумҳурӣ ба маблағи 6 млрд 595,1 млн сомонӣ (640,3 млн доллари ИМА) маҳсулот содирот карда шудааст.

Аз маҳсулоти содиротшуда ба маблағи 3 млрд 159,0 млн сомонӣ (306,7 млн доллари ИМА) ба соҳаи саноат рост меояд.

**Маҳсулотҳои содиротшудаи** корхонаҳои соҳавӣ ба монанди: алюминии аввалия – 48,6 ҳазор тонна, маъданҳои тозакардашуда – 124,9 ҳазор тонна, семент – 668,5 ҳазор тонна, клинкер - 5266,2 ҳазор тонна, рангҳои сохтмонӣ 67,2 ҳазор тонна, қубурҳои асбестӣ - 250,0 тонна, ангишт – 3,1 ҳазор тонна, намак - 620,1 тонна, ресмони пахтагӣ – 7,8 ҳазор тонна, маҳсулоти дузандагӣ – 10,5 млн доллари ИМА, чарм – 1 033 тонна, профилҳои алюминийи рӯйпуш – 560,7 тонна, трактор 4 адад, 6 адад ядак (прицеп), орд 466,0 тонна, маҳсулоти қаннодӣ - 233,5 тонна, консерваи меваю сабзавот – 179,0 тонна, шарбатҳо ва шираи растаниҳо - 196 тонна, нӯшокиҳои ташнашикан - 4931 тонна, спирти этилӣ - 117 тонна, тамокуи коркардшуда - 263 тонна ва меваи хушк - 9080 тонна ба хориҷи кишвар ба ҳисоб мерав570анд.

## Бунёди корхонаҳои нави саноатӣ дар нимсолаи якуми соли 2020

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 83 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 1135 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шудаанд.

Аз ҷумла:

| № | Вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | Январ – июни соли 2020 | |
|---|---|---|---|
| | | Шумораи корхона | Ҷойҳои кории нав (нафар) |
| 1 | ВМКБ | 2 | 7 |
| 2 | Вилояти Суғд | 34 | 407 |
| 3 | Вилояти Хатлон | 21 | 143 |
| 4 | Шаҳри Душанбе | 13 | 501 |
| 5 | НТҶ | 13 | 77 |
| | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 83 | 1 135 |

Дар давраи ҳисоботӣ 83 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 1135 ҷойи корӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд - 34 корхона бо 407 ҷойи кории нав, вилояти Хатлон - 21 корхона бо 143 ҷойи кории нав, ВМКБ - 2 корхона бо 7 ҷойи кории нав, шаҳри Душанбе - 13 корхона бо 501 ҷойи кории нав ва НТҶ 13 корхона бо 78 ҷойи кории нав сохта ба истифода дода шуд.

Аз шумораи умумии корхонаҳои нав 29 корхона ба саноати хӯрокворӣ, 17 корхона ба саноати сабук, 17 корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 13 корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 2 корхона ба саноати маъдан, 1 корхона ба соҳаи табъу нашр ва 4 корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби корхонаи нав ба маблағи 491 млн сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст.

Дар 6 моҳи соли 2020 барои таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти нави технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳаи истихроҷи канданиҳои фоиданок ба маблағи 38,5 млн сомонӣ, дар соҳаи коркард ба маблағи 156,8 млн сомонӣ, техника ва таҷҳизоти нави технологӣ ворид карда шуд.

### Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар тарҳи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 июли соли 2020

| **Р/Т** | **СУҒД** | **ХАТЛОН** | **ДУШАНБЕ** | **НТҶ** | **ВМКБ** | **Дар ҷумҳурӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **682** | **604** | **464** | **420** | **46** | **2216** |

### **Шумораи корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар нимсолаи якуми соли 2020**

| № | Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Ба ҳолатӣ | | Фаркият +,- |
|---|---|---|---|---|
| | | **01.07.2020** | **01.07.2019** | |
| 1 | Суғд | 27 | **45** | **-18** |
| 2 | Хатлон | 29 | **49** | **-20** |
| 3 | ш. Душанбе | 32 | **46** | **-14** |
| 4 | ВМБК | 4 | **5** | **-1** |
| 5 | НТҶ | 32 | **36** | **-4** |
| | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ: | **124** | **181** | **-57** |

Шумораи корхонаҳои аз фаъолият бозмонда нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригардида 57 корхона кам гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи корхонаҳои ҶДММ “Бофандаи Норак”-и шаҳри Норак, ҶДММ “Дилкушо”-и ноҳияи Муъминобод, ҶДММ “Сомон FM”-и ноҳияи А.Ҷомӣ, ҶДММ “Самар”-и ноҳияи Восеъ, ҶДММ “Назирӣ”-и ноҳияи Ш.Шоҳин, ҶДММ “Зарин-К”-и ноҳияи Сангвор ва ҶСК “Заводи спиртбарорӣ”-и шаҳри Исфара фаъолияти худро оғоз карданд.

Мувофиқи маълумоти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳо дар назар аст соли равон Ширкати саноати конкании “ДИН ШИН ХЭ”-и шаҳри Хуҷанд ба коркарди партови сурбу-нуқра, ҶДММ “Мрамор Стоун”-и ноҳияи Ванҷ – ба коркарди хокаи мармар, КВД «Матбааи ноҳия»-и ноҳияи Рашт ба таъбу нашр, дар ноҳияи Вахдат корхонаҳои ҶСНП “Пахта” ба коркарди нахи пахта, ҶДММ “Зафарёб” ба истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ва ҶДММ “Сомон-сангреза” ба истеҳсоли қуму шағал ба фаъолият оғоз мекунанд.

Дар асоси супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.02.2020, №18103 (27.7) ва аз 05.03.2020, №18152 (27.7) аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои кишвар ва вазорату идораҳои дахлдор маълумот оид ба корандозии корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, таъсиси корхонаҳои нав мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар асоси маълумотҳои ҷамъбастии Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2020, №18493 (27.7) ба тасвиб расид. Корҳо дар ин самт идома дорад.

Сабабҳои фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ мавсимӣ будани фаъолият, нарасидани ашёи хому маблағҳои гардишӣ, фарсуда гаштани таҷҳизоти технологӣ, маҳдуд шудани бозорҳои анъанавии фурӯши маҳсулот, рақобат карда натавонистани маҳсулоти онҳо ва иваз намудани самти фаъолият, инчунин баҳсҳои амволӣ мебошанд.

## Фаъолияти корхонаву муассисаҳои соҳавӣ

**Дар давраи ҳисоботӣ корхонаҳои соҳаи саноати маъдан** ба маблағи 3445,6 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, суръати афзоишро назар ба соли 2019 112,8% таъмин намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 389,8 млн миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии корхонаҳои саноати маъданҳои кӯҳӣ 26,2% ҳаҷми умумии маҳсулоти корхонаҳои саноатии ҷумҳуриро ташкил намуданд.

Дар ин давра ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶДММ «Пакрут», ҶДММ «Ширкати металлургии «Анзоб», ҶМ ТК ММ «Апрелевка» ва ҶДММ «Таком Голд» ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд карданд, аз ҷумла:

- тилло- 107,1%;
- нуқра- 107,2% ;
- хокаи мис – 127,4% (ё ин, ки 5487 тн зиёд)
- сурмаи металлӣ – 183,1% (ё ин, ки 1330,5 тн зиёд)

Дар маҷмӯи истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо ҶДММ КМ “Зарафшон”-81%, ҶДММ «Пакрут» - 13% ва дигар корхонаҳо 6%, дар маҷмӯи истеҳсоли металлҳои ранга ҶДММ “Ширкати кухӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой” – 80%, ҶДММ ТА КМ “Анзоб” -16% ва ҶДММ «Ширкати металлургии «Анзоб» - 4%-ро ташкил кард.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи коргарон 10918 нафар ва музди миёнаи моҳонаи як нафар корманд 3600 сомониро ташкил медиҳад.

Бо мақсади зиёд намудани иқтидори содиротии мамлакат, ташкили ҷойҳои кории нав ва амалӣ намудани «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», дар маҷмӯъ фурӯши маҳсулоти корхонаҳои соҳа дар нимсолаи якуми соли 2020 зиёда аз 2481,4 млн сомонӣ буда, содироти он ба хориҷи кишвар 963,2 млн сомониро ташкил додааст.

Ба ҳисоби умумӣ тиллои ба фурӯш баровара аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои заргарии ҷумҳурӣ харидорӣ шудааст, ки ин 100% -ро ташкил медиҳад.

**Корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ** дар нимсолаи якуми соли 2020 тибқи маълумотҳои оморӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ 2734,8 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 114,7% ва ё 350,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли хӯроки паранда 5,2 маротиба, спирти этилӣ 2,7 маротиба, меваи хушк 2,2 маротиба, маҳсулоти қаннодӣ 161,7%, истихроҷи намак 150,6%, папиросу сигарет 127,9%, биринҷ 113,5%, орд 113,0%, маҳсулоти макаронӣ 111,7%, коркарди намаки ошӣ 111,6%, равғани растанӣ 111,1%, нон ва маҳсулоти нонӣ 106,3%, маҳсулоти ширӣ 105,6%, нӯшокиҳои ташнашикан 102,6% ва консерваҳои меваю сабзавот 101,6% ба вуҷуд омадааст.

Бо мақсади расидан ба ҳадафи чоруми стратегии миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини устувор ва кафолатноки аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизогии дорои сифати баланд тавассути ҷалби сармояи сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва воридоти таҷҳизоти технологии муосир ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот дар саноати хӯрокворӣ 33 корхона ва коргоҳи саноатӣ бо таъсиси 430 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шуд.

Азимтарин корхонаҳои бунёдгардида ин пеш аз ҳама корхонаҳои коркард ва банду басти мева ва сабзавоти хушк ҶДММ «Хуҷанд Агро», коркард ва банду басти асали филиали ширкати канадагии «Ханта Канада ИНК»-и шаҳри Хуҷанд, корхонаи истеҳсоли гӯшти мурғи ҶДММ «Ҷӯҷаи Байзо»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, инчунин коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулоти консервагии ҶСП «Оби зулол»-и шаҳри Истаравшан, ҶДММ «Сирдарё»-и шаҳри Хуҷанд ва коргоҳи нави истеҳсоли маҳсулоти ҳасибии ҶДММ «Ширкати Азизӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба шумор рафта, бо иштироки Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Айни ҳол дар саноати хӯрокворӣ 504 корхона ба маҳсулоти ғизоии саноатӣ машғул мебошад, ки дар маҷмӯъ зиёда аз 10 ҳазор нафар қобили

меҳнатро ба кор фаро гирифта, дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии ҷумҳурӣ саҳми назаррас доранд.

Бо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа содироти маҳсулоти саноати хӯрокворӣи ватанӣ, ба монанди маҳсулоти консервашудаи «Пиёзи анзур» ва «Ғураоб», нӯшобаи «Хуч» ва афшураи «Зардолу», оби ошомидании «Оби Зулол» ва «Кока Кола», спирти этилӣ, намаки ошию техникӣ, маҳсулоти қаннодӣ, орд, мева ва сабзавоти хушккардашуда ба ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин ба давлатҳои Амрико ва Аврупо мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

**Корхонаҳои соҳаи масолеҳи сохтмон** дар нимсолаи якуми соли 2020 ба маблағи 1,2 млрд сомонӣ масолеҳи сохтмонӣ истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба маблағи 1,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ 9,2%-ро ташкил дод. Истеҳсоли семент ба 1978,4 ҳазор тонна, хишт 50,6 миллион дона, хишти сементӣ 24,6 миллион дона, газоблок 18,5 ҳазор метри мукааб, масолеҳи ғайримаъданӣ 610,7 ҳазор метри мукааб, бетони сохтмонӣ 198,0 ҳазор метри мукааб баробар шудааст.

Дар соҳа 517 корхонаву коргоҳҳо бо 10364 ҷойи корӣ фаъолият намуда, музди миёнаи меҳнат 1520 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми содироти масолеҳи сохтмонӣ 27,6 миллион доллари ИМА ва ҳаҷми воридот 16,8 миллион долларро ташкил дод, ки содирот нисбат ба воридот 10,8 миллион доллар зиёд мебошад. Зиёдшавии ҳаҷми содирот аз ҳисоби фурӯши семент буда, маблағи он 27,3 миллион долларро ташкил дод. Қисми зиёди воридотро кошин (5,7 миллион доллар), шиша (3,4 миллион доллар), гаҷкартон (2,5 миллион доллар), маснуоти санитарӣ (773,6 ҳазор доллар), ташкил додааст.

Дар ин давра ба ҳаҷми 668,5 ҳазор тонна семент, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Узбекистон 333,6 ҳазор тонна, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 294,6 ҳазор тонна ва Ҷумҳурии Қирғизистон 40,0 ҳазор тонна, инчунин 5266,2 тонна клинкер, 67,2 тонна рангҳои сохтмонӣ, 250,0 на қубурҳои асбестӣ ба хориҷӣ кишвар содирот гардидааст.

Дар зиёд шудани истеҳсоли семент саҳми ҶДММ “Чунгтсай Моҳир семент”-и ноҳияи Ёвон 28,4%, “Хуаксин Ғаюр семент”-и ноҳияи Ёвон 27,0%, “Хуаксин Ғаюр Суғд семент”-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 26,3%, “Сементи Тоҷик” 5,1% назаррас мебошад.

Соли 2020 корхонаҳои шифербарории ҶДММ “Хизир Назар”-и шаҳри Гулистон, “Восеъ саноат”-и ноҳияи Восеъ, корхонаҳои коркарди қуму шағал ҶДММ “Дустии Бародарон”, истеҳсоли хишт “Нури Ҳикмат” дар ноҳияи Рӯдакӣ ва ҶДММ “Қуми Регар” дар шаҳри Турсунзода ба фаъолият оғоз намуда, дар онҳо 72 ҷойи кории нав бунёд гардидааст.

**Соҳаи саноати истихроҷи ангишт** дар нимсолаи якуми соли 2020 аз ҷониби 9 корхонаи фаъолияткунандаи соҳаи саноати ангишт 8 корхона дар 6 кон фаъолият намуда, 1 корхона бинобар мавсимӣ будан фаъолияти худро оғоз накардааст.

Истихроҷи ангишт дар 6 моҳи соли 2020 – 724 158 тоннаро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 – 8 749,8 тонна зиёд мебошад.

Захираи ангишт дар анборҳои корхонаҳои соҳа то 1 июли соли 2020 484 722,4 тоннаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба захираи ҳамин давраи соли 2019 – 112 122,4 тонна зиёд мебошад.

Содироти ангишт дар 6 моҳи соли 2020 дар ҳаҷми 1649,6 тонна, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Исломии Покистон – 1313 тонна ва Ҷумҳурии Узбекистон – 336,6 тонна амалӣ карда шудааст.

Мутобиқи нақшаи тасдиқгардидаи таъминоти ангишт барои эҳтиёҷоти “МБГ-2”-и ш. Душанбе дар соли 2020 интиқол додани 1100,0 ҳазор тонна пешбинӣ карда шудааст.

Барои эҳтиёҷоти “МБГ-2”-и ш. Душанбе аз моҳи март то 1 июли соли равон ба миқдори 371100 тонна ба маблағи 105,1 млн сомонӣ ангишт таъмин карда шудааст.

Аз тарафи корхонаҳои соҳаи саноати ангишт ба маблағи 12043,1 ҳазор сомонӣ, 13 адад техникаву таҷҳизотҳои нави кӯҳкорӣ ворид карда шудааст.

Шумораи кормандон дар корхонаҳои ангишт дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 1662 нафарро ташкил дода, музди миёнаи меҳнати коргарон ба 1946 сомонӣ баробар мебошад.

**Соҳаи саноати сабук ва пилла.** Дар моҳҳои январ-июни соли равон корхонаҳои соҳаи саноати сабук бо дар назар доштани корхонаҳои пахтатозакунӣ ба маблағи зиёда аз 781,4 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 32,7 млн сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 104,4 фоиз таъмин шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 14419,5 тонна нахи пахта истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2019 ба миқдори 7301,7 тонна зиёд мебошад. Аз ҷониби корхонаҳои коркарди нахи пахта дар моҳҳои январ-июни соли равон 8933,3 тонна ресмони пахтагин ва дар коргоҳҳои бофандагӣ 6109,4 ҳазор метри мураббаъ матоъҳои пахтагин истеҳсол гардид.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ 115,6 млн сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба моҳҳои январ–июни соли 2019 ба маблағи 2,9 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ҷиҳати пешгирии паҳншавии беморииь сироятӣ аз ҷониби як қатор корхонаҳои саноати сабук дар давраи ҳисоботӣ номгӯи нави маҳсулот, ки воридотивазкунанда ба шумор меравнд, аз ҷумла дока, ниқоб ва халатҳои махсуси муҳофизатии тиббӣ истеҳсолашон ба роҳ монда шуд.

Айни замон корхонаҳои соҳа истеҳсоли ниқобҳои тиббиро ба роҳ монда, тибқи маълумоти оморӣ дар моҳҳои январ–июни соли 2020 ба миқдори 8029 ҳазор дона ин намуди маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

Дар самти истеҳсоли халатҳои муҳофизатии махсус 17 корхонаҳои саноати сабук машғул буда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 55 ҳазор дона

Ҷумҳурии Италия содирот карда шудааст, ки шаҳодати рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ дар бозорҳои хориҷи кишвар мебошад.

Дар кишвар 3 млн 523,2 ҳазор ҷуфт ҷӯробҳои пахтагин истеҳсол карда шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли 2019 ба миқдори 490,3 ҳазор ҷуфт зиёд мебошад.

Коркарди пӯсти чорво 217641 донаро ташкил дода, истеҳсоли пойафзол ба 356 ҳазор ҷуфт расонида шуд, ки дар қиёс ба ин давраи соли 2019 ба миқдори 36 ҳазор ҷуфт зиёд мебошад.

Истеҳсоли қолин дар ҷумҳурӣ ба 1 млн 209 ҳазор метри мураббаъ расонида шуд.

Саноати мебелбарории кишвар яке аз соҳаҳои зудафзоиш ба шумор рафта, солҳои охир истеҳсоли мебел мунтазам тамоюли афзоиш дорад. Қисми зиёди корхонаҳои соҳа бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз буда, қобилияти истеҳсоли намудҳои гуногуни мебел, аз ҷумла барои утоқҳои корӣ, боғчаҳои кӯдакон, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, олӣ, хона ва ошхона бо сифати ҷавобгӯ ба талаботи ҷориро доранд. Ҳаҷми истеҳсоли мебел дар ҷумҳурӣ ба 24 млн сомонӣ расонида шуд, ки суръати афзоиш назар ба ҳамин давраи соли гузашта 101 фоиз таъмин гардидааст.

Ба ҳолати 6 июли соли 2020 дар кишвар 378,9 тонна пилла истеҳсол карда шуда, истеҳсоли матои атлас ба 13,8 ҳазор метри мураббаъ расонида шуд, ки суръати афзоиш нисбат ба 6 моҳи соли гузашта 135,8 фоиз таъмин шудааст.

Бо мақсади васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ, татбиқи раванди инноватсионӣ ва беҳтаргардонии сифати маҳсулот дар корхонаҳои соҳаи саноати сабук дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи наздики 73,0 млн сомонӣ дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолӣ аз қабили қолинбофӣ, кешбофӣ, бофандагӣ, халтабарорӣ ва дӯзандагӣ аз хориҷи кишвар ворид ва васлу насб карда шудаанд. Дастгоҳу таҷҳизот аз кишварҳои Россия, Туркия, Австрия, Эрон, Корея ва Хитой ворид карда шудааст.

**Корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ** дар 6 моҳи соли 2020 ба маблағи 852,4 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 11,9 млн сомонӣ зиёд аст. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар ин давра 101,4%-ро ташкил дод.

Дар соҳа 296 корхонаву коргоҳҳо бо 14894 ҷойи корӣ фаъолият намуда, музди миёнаи меҳнат 930 сомониро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби корхонаҳои соҳа қубурҳои металлӣ – 18312,2 тонна, қубурҳои пластикӣ – 880,9 ҳазор метр, арматура – 453,8 тонна, коагулянт – 641,2 тонна, профилҳои алюминии рӯйпӯш – 1518,5 тонна, профилҳои пластикӣ – 1259,0 тонна, трансформатор – 227 адад истеҳсол гардидааст.

ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар 6 моҳи соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба 227,5 млн сомонӣ расонид, ки назар ба нишондоди 6 моҳи соли 2019 ба маблағи 8940,0 ҳазор сомонӣ зиёд ва суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот 101,4% таъмин карда шудааст.

Ҳаҷми молии маҳсулоти истеҳсолнамудаи ширкат ба 50,3 ҳазор тонна баробар гардид, ки 2,0 тонна назар ба 6 моҳи соли 2019 зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар 6 моҳи соли 2020 корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия, якҷо бо ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» маҳсулотҳоро ба монанди алюминии аввалия, профилҳои алюминӣ, профилҳои пластикӣ ва трактору мошинҳои кишоварзӣ, ба маблағи 761,2 млн сомонӣ ба хориҷи кишвар, хусусан ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, давлатҳои Аврупо ва Туркманистон содирот кардаанд.

ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар давраи ҳисоботӣ алюминии аввалияро ба маблағи 746,7 млн сомонӣ дар ҳаҷми 48 613 тонна ба хориҷи кишвар, хусусан ба давлатҳои Аврупо содирот намудааст.

Дар вазъи мураккаби баамаломадаи пандемия COVID-19, корхонаҳои истеҳсоли моеъҳои шуянда, маҳлулҳои антисептикӣ, собуни мушкин, хокаи хлор ва гипохлориди натрий аз ҷумла ҶДММ "Сатурн-1"-и шаҳри Душанбе, ҶДММ «Баҳор Косметик Групп»-и шаҳри Душанбе, ҶДММ «Покофар»-и и шаҳри Душанбе, СИ «Мирзошехова»-и ноҳияи Б. Ғафуров, ҶДММ «Давои Сино»-и шаҳри Хуҷанд, ҶДММ «Фарм Суғд»-и шаҳри Бӯстон ва ҶСК «Тоҷикхимпром»-и ноҳияи Ёвон барои таъмин намудани маводҳои лозима ҷиҳати пешгирӣ намудан аз ин намуди беморӣ
тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ситоди ҷумҳуриявӣ фаъолияти истеҳсолиро хуб ба роҳ монда, зиёда аз 200 ҳазор кг моеъҳои шуянда, 190 ҳазор литр маҳлули антисептикӣ, 125 тонна собуни мушкин, 255 тонна хлор ва 260 тонна гипохлориди натрий истеҳсол намуданд.

## Таъминоти бозори дохилӣ бо молу маҳсулотҳои истеҳсоли ватанӣ дар нимсолаи якуми соли 2020

| № | Номгӯ | Ҳиссаи таъминот | |
|---|---|---|---|
| | | **Истеҳсол** | **Воридот** |
| | Саноати хӯрокворӣ | | |
| 1 | Намак | **99,6%** | **0,4%** |
| 2 | Нӯшокиҳои ғайриспиртӣ | **88,4%** | **11,6%** |
| 3 | Орд | **87,2%** | **12,8%** |
| 4 | Гӯшт | **74,5%** | **25,5%** |
| 5 | Маҳсулоти ширӣ | **69,3%** | **30,7%** |
| 6 | Маҳсулоти ҳасибӣ | **55,2%** | **44,8%** |
| 7 | Консерваи меваю сабзавот | **50,8%** | **49,2%** |
| 8 | Маҳсулоти қаннодӣ | **50,2%** | **49,8%** |
| | Соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия | | |
| 9 | Маҳсулоти кабелӣ (симҳои луч) | **80%** | **20%** |
| 10 | Қолабҳои зарфҳои пластикӣ | **78%** | **28%** |
| 11 | Профилҳои алюминӣ рӯйпӯшкардашуда | **70%** | **30%** |
| 12 | Қубурҳо ва профили металлӣ | **72%** | **28%** |
| 13 | Бомпӯшҳои оҳанӣ | **75%** | **25%** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14 | Маҳлул барои беҳдошти шахсӣ (антисептик) | **55%** | **45%** |
| 15 | Маҳсулоти пластмассагӣ | **55%** | **45%** |
| 16 | Трансформаторҳо | **55%** | **45%** |
| 17 | Меҳҳои гуногун ва тобдор | **50%** | **50%** |
| Саноати сабук, маъданҳои кӯҳӣ, ангишт ва масолеҳи сохтмон | | | |
| 18 | Нахи пахта | **100%** | **0%** |
| 19 | Ресмони пахтагин | **100%** | **0%** |
| 20 | Семент | **99,1%** | **0,9%** |
| 21 | Қуму шағал | **100%** | **0%** |
| 22 | Хишти сементӣ | **100%** | **0%** |
| 23 | Маснуоти оҳану бетонӣ | **100%** | **0%** |
| 24 | Хишти сабук (газоблок) | **100%** | **0%** |
| 25 | Оҳак | **100%** | **0%** |
| 26 | Бетони сохтмонӣ | **100%** | **0%** |
| 27 | Ангишт | **99,5%** | **0,5%** |
| 28 | Варақаҳои асбестӣ (шифер) | **94%** | **6%** |
| 29 | Халта ва қоғазхалтаҳо | **85%** | **15%** |
| 30 | Мебел | **43,3%** | **57,7%** |

## Муассисаҳои таълимӣ

**Дар тобеияти Вазорат 6 муассисаҳои таҳсилоти оливу миёнаи касбӣ** ва 3 муассисаҳои типи нав, аз ҷумла ду литсейҳои инноватсионӣ фаъолият мекунанд.

Теъдоди умумии донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ дар моҳи ҳисоботи зиёда аз 14683 нафарро ташкил медиҳад.

Раванди таълим дар 25 факулта аз рӯи 147 ихтисос ва 79 кафедра ба роҳ монда шудаанд, ки дар он 1106 нафар устодони ботаҷриба ва кормандон кору фаъолият доранд.

Дар ҳайати омӯзгорон 43 нафар докторони илм, 266 нафар номзадони илм ба таҳсилгирандагон илм омӯхта, ғайр аз ин ба корҳои илмӣ- тадқиқотӣ машғул мебошанд.

Соли таҳсили 2019-2020, 2897 нафар мутахассисон дар зинаи бакалавр ва магистр муассисаҳои таълимии зертобеи Вазоратро хатм намуда, дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ кору фаъолият намуда истодаанд.

Донишҷӯёни гирандагони стипендияи Президентӣ 12 нафар буда, 177 нафар тариқи дигар намуди квотаҳо таҳсил менамоянд.

Дар муассисаҳои зертобеъи Вазорат 756 маъюбони гурӯҳи 2 ва 3, ятими кулл ва нимятим таҳсил менамояд. Донишҷӯёни мазкур аз пардохти маблағи таҳсил озод буда, ятимони кулл ва маҷрӯҳони гурӯҳҳои 1 ва 2 бо идрорпулии муқаррарӣ аз 150 то 700 сомонӣ дар давоми соли хониш таъмин гардида, дар арафаи идҳои миллӣ кумакпулии молиявӣ тақдим карда мешаванд.

## Қарор ва барномаҳои рушди соҳа

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси як қатор қонуну қарор ва барномаҳои амалкунанда аз қабили:

Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи **Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”,** аз 16 майи соли 2018, №1087.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» аз 30 майи соли 2017, №1415.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №375 «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025.

Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024.

Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025.

Барномаи рушди саноати сабук ва пилла барои то давраи солҳои 2022.

Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.

Консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 фаъолияти худро ба роҳ монда, рушди соҳаро мунтазам таъмин менамояд.

---

## Форум, вохӯрӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ

---

Бахри густариш ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар 6 моҳи соли 2020 беш аз 12 вохӯриҳои роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва ширкатҳои гуногуни сармоягузор баргузор гардид.

Дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботи муовини якум ва муовинони вазир дар 2 комиссияҳои байниҳукуматӣ ва 1 намоишгоҳи байналмилалӣ сафарбар карда шудаанд.

Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳо дар соҳаи саноат, ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак бо як қатор мақомотҳои соҳавии давлатҳои хориҷӣ лоиҳаҳои Ёддошти тафоҳум омода гардида, баимзорасонии онҳо баъд аз мувофиқасозӣ дар назар дошта шудааст, аз ҷумла:

1. «Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияи Ҷумҳурии Туркия дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи саноати нассоҷӣ, либос ва мӯд»;
2. «Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти марбути Ҷумҳурии Италия дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи саноати сабук»;
3. «Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Сербияро дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи саноат»;

4. «Ёддошти тафоҳум байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти марбути Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи коркарди пӯст».

**Маълумот оид ба маблағҳои қарзии додашудаи Муассиссаи давлатии фонди дастгирии соҳибкорӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯи минтақаҳои ҷумҳурӣ аз соли 2013 то нимсолаи якуми соли 2020**

| Р/т | Минтақаҳо | Миқдори субъекти соҳибкорӣ, (адад) | Маблағҳои додашуда, (ҳазор сомонӣ) | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | **ВМКБ** | **29** | **12612,0** | **4,1** |
| 2. | **Вилояти Суғд** | **33** | **31673,6** | **10,4** |
| 3. | **Вилояти Хатлон:** | **75** | **100801,0** | **33,1** |
| **4.** | **ш. Душанбе** | **19** | **110714,0** | **36,5** |
| **5.** | **НТҶ:** | **46** | **48311,2** | **15,9** |
| | **Ҳамагӣ** | **202** | **304111,8** | **100,0** |

**Эзоҳ:** Муассиса дар шаш моҳи соли 2020 ба 12 субъекти соҳибкорӣ дар ҳаҷми 33,7 млн. сомонӣ, аз ҷумла 7 лоиҳаҳои тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати таъсиси коргоҳу корхона ба маблағи 27,2 млн. сомонӣ ва 5 лоиҳаҳои тиҷоратии субъектҳоро ҷиҳати таҷдиди коргоҳу корхона ба маблағи 6,5 млн. сомонӣ дастгирӣ намуда, қарзҳои имтиёзноки миёнамуҳлат ҷудо намудааст, ки ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти дузандагӣ, сохтмони сардхонаи иловагӣ, таъсиси корхонаи истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ ва панҷараҳои оҳанин, таъсиси корхонаи истеҳсоли яхмос, коркарди меваи хушк, барои таъсиси комплекси паррандапарварӣ, таҷдиди корхонаи истеҳсоли обҳои маъданӣ, банду басти гиёҳҳои шифобахш равона шудааст.

**Маркази матбуотӣ**